بسم الله الرحمن الرحيم

**БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН**

# Тамсилот

## Пуршисҳои муҳим-посуххҳои кӯтоҳ

**Муаллиф**
**Мӯҳсини Қироатӣ**

**Мутарҷим**
**Абдулҳаким Камолӣ**



B0129.15

135

**Муовинати Пажӯҳиш**

Номи китоб: Тамсилот
Муаллиф: Алӣ Мӯҳсини Қироатӣ
Мутарҷим: Абдулҳаким Камолӣ
Тираж: 2000
Навбати чоп: Аввал, 2008
Нарх: Шартномавӣ
ISBN: 978-964-195-032-5
Ношир: Интишороти Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия
Нишонӣ: Эрон, Қум, Хиёбони Баҳор, ҷанби ҳотели Аз-Заҳро, фурӯшгоҳи Интишороти Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия
Телефакс: +98 251 7749875
Website: www.eshraaq.com
Email: public-relations@Qomicis.com
© Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз аст

# Сухани ношир

Пурсишгарӣ аз оғози офариниши инсон рухнамоӣ карда, бар боли сабзи худ фариштагонро нишонда, бар боли зарди худ шайтонро афшонда ва дар ин миён мақоми одамиятро нишон додааст. Офтоби Кӯфа, Алӣ (а) чӣ зебо фармудааст:

«مَن اَحسنَ السؤالَ عَلِمَ وَ مَن عَلِمَ اَحسنَ السؤالَ».

*Ҳам савол аз илм хезад ҳам ҷавоб*

*Ҳамчунон ки хору гул аз обу хок*

Оре ҳар, ки саволҳояш осмонӣ аст, донишу биниш ва посухаш осмонӣ хоҳад буд. Пӯёии ҷомеа ва фарҳанг низ дар гарави пурсишҳои ҳақиқатталабона ва посуххҳои хирадварзона аст.

Дар ростои таҳаққуқи ин ҳадафи бузург Ҳуҷҷат-ул-ислом вал-муслимин устод Қироатӣ маҷмӯаи ҳозирро бо унвони «Тамсилот» фароҳам оварда ва кӯшидааст, ки бо баёни шевою равон ва бо истифода аз тамсилу ташбеҳ, пурсишҳои диниро посух диҳад.

Оқои Абдулҳаким Камолӣ табааи Тоҷикистон ва аз муҳассилони Ҷомеат-ул-Мустафо Ал-Оламия,

китоби «Тамсилот»-ро ба забони тоҷикӣ баргардонидааст, ки аз эшон ва дигар фарзонагоне, ки дар ба самар расидани ин асар базли иноят фармудаанд, ташаккур ва қадрдонӣ мекунем.

*Муовинати Пажӯҳиш*
*Идораи кулли барномарезӣ*
*ва сомондеҳии таҳқиқот*

# Муқаддима

Аз хусусиёти мабоҳиси Ҳуҷҷат-ул-ислом вал-муслимин Мӯҳсини Қироатӣ дар барномаҳои телевизионии дарсҳое аз Қуръон, истифода аз тамсилу ташбеҳ аст, ки дар тафҳими матлаб барои умуми мардум муассир будааст.

Дар ин ҷузва саъй шудааст аз миёни анбӯҳи тамсилоту ташбеҳоти эшон, сад мавриди он интихоб ва дар қолиби пурсишу посух ироа гардад.

Ба умеди он ки ин амр идома ёфта ва ба мурур дар қолиби ҷузаводи баъдӣ дар ихтиёри алоқамандон қарор гирад.

***Маркази Фарҳангии Дарсҳое аз Қуръон***